# Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 2 November, 2017 - 12:53
Моддаи 1. Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 490; с. 2003, №12, мод. 685; с. 2004, №5, мод. 347; с. 2006, №3, мод. 143; с. 2007, №7, мод. 651; с. 2008, №3, мод. 181; №6, мод. 443; №12, қ. 1, мод. 982; с. 2010, №1 мод. 1; №12, қ.1, мод. 799) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд: 1. Ба моддаи 11 қисми шашум бо мазмуни

зайл илова карда шавад: «Судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва суди шаҳри Душанбе, суди шаҳр ва ноҳия, судҳои ҳарбӣ, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят, суди иқтисодии шаҳри Душанбе бояд забони давлатиро донанд.». 2. Дар қисми дуюми моддаи 71 калимаи «ҷаласаҳои» ба калимаи «маҷлисҳои» иваз карда шавад. 3. Дар қисми дуюми моддаи 1031 пас аз калимаҳои «кам набошад,» калимаҳои «забони давлатиро донад,» илова карда шаванд. 4. Дар ном ва матни моддаи 131 калимаҳои «ҷаласаи» ва «ҷаласаҳои» мувофиқан ба калимаҳои «маҷлиси» ва «маҷлисҳои» иваз карда шаванд. 5. Дар моддаи 134: - дар номи модда калимаи «ҷаласаи» ба калимаи «маҷлиси» иваз карда шавад; - дар қисми якум пас аз калимаҳои «ҳуқуқӣдошта,» калимаҳои «забони давлатиро донанд ва» илова карда шаванд; - дар қисми дуюм калимаи «ҷаласаи» ба калимаи «маҷлиси» иваз ва пас аз калимаи «бошанд» калимаҳои «, забони давлатиро донанд» илова карда шаванд.
Моддаи 2. Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣмавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ш.Душанбе 2 августи соли 2011 №75

**Content rating:** 2

Average: 2 (1 vote)

Rate

## Category:

- Тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ [1]
- Қонунгузорӣ [2]
- Қонунҳо [3]

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/content/konuni-konstitutsionii-chumkhurii-tochikiston-oid-ba-vorid-namudani-tagyiru-ilovakho-ba

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/20 [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/17 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/19